Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (суроға 734025, ш. Душанбе, маҳалаи Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8)

**ТАҚРИЗИ**

**муқаррizи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич ба диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқат мекунад: 19 – Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва густариши кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии сатҳи касбӣ-вазифавӣ ва пешравии касбӣ –вазифавии кадрҳо. Методҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ. 20 – Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилот. Салоҳиятнокии ҳайати шахсӣ ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва

идоракунии ҳайати шахсӣ. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайати шахсӣ.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити имрӯзаи иқтисодиёт тайёрнамоии мутахассисони ҳирфаӣ ва ба талаботи бозори меҳнати сайёҳӣ ҷавобгӯйиро тақозо менамояд. Таҷрибаҳо нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои асосии суст инкишоф ёфтани соҳаи сайёҳии кишвар ин норасогии мутахассисони баландихтисос, нокифоя истифодабарии иқтидори меҳнатӣ, ҳавасманд набудани онҳо дар рушди соҳаи сайёҳӣ, инчунин, таваҷҷуҳи ками соҳибкорон ва сармоягузорон дар ин бахш дониста мешавад. Принсипҳои асосии идоракунии самараноки иқтидори меҳнатии ширкатҳои соҳаи сайёҳӣ ин омода намудан ва ҳавасманд гардонидани мутахассисони он, ҷалби бештари сармоягузорон, дастгириҳо ва пешниҳоди имкониятҳо барои субъектҳои хоҷагидории ин соҳа дониста мешавад.

Тақвияти нерӯи инсонӣ, таъминоти кадрӣ ва шуғли пурмаҳсул дар соҳаи сайёҳӣ, ташкил ва гузаронидани курсҳои бозомӯзии кадрҳои хизматрасон, таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомати давлатии соҳаи сайёҳӣ бо муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ва бозорӣ (меҳнатӣ) сайёҳии мамлакат яке аз ҳадафҳои олии Стратегия рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030 маҳсуб меёбад.

Дар воқеъ соҳаи сайёҳӣ дар ҷаҳон яке аз соҳаҳои даромадноки иқтисодиёт дониста шудааст. Бо дар назардошти муҳиммияти ин соҳа, ҳукумати мамлакат солҳои охир барои рушд ва пешрафти соҳаи мазкур тадбирҳои муассиро меандешад. Дар вобастаги ба шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ ва тезу тунд шудани рақобат дар бозори сайёҳӣ, мавқеъгирӣ дар ин бахш хеле мураккаб гардидааст. Аз ин лиҳоз, рақобатпазирии ширкатҳои сайёҳиро, бешубҳа, кормандони соҳибкасб таъмин намуда, натиҷаи молиявии онҳоро боло бардошта, фаъолияти онҳоро самаранок ба роҳ мемонанд.

Бояд қайд намуд, ки агар самти афзалиятноки бахши сайёҳӣ вобаста ба шароити имрӯза дуруст дарк карда шавад, ташаккулёбии он метавонад натиҷаи мусбатро ба бор оварад. Вобаста ба шароитҳои ҷойдошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои афзалиятдоштаи бахши сайёҳӣ: табобатию солимгардонӣ, экологӣ, шикор, сайругашт, таърихию фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ ва дигар намудҳои он дарак медиҳанд. Дар баробари ин самтҳо доштани мутахассисони ҳирфаӣ асоси ташаккулдиҳанда ва идоракунандаи ин соҳа дониста мешаванд. Омоданамоии мутахассисон ва истифодаи дурусти зеҳнияти онҳо имкон медиҳанд, ки аз ин самтҳои номбурдашуда дуруст истифода бурда шавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои илмии таҳқиқот аз коркард ва асосноккунии ҷанбаҳои назариявии механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили он дар ин соҳаи муҳимми ҷамъиятӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти илмӣ, ки навгониҳои илмиро инъикос ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ошкор менамоянд, инҳо мебошанд:

1. Дар асоси омӯзишу таҳлили равишҳои назариявӣ-консептуалии гузаронидашудаи илмӣ оид ба такмили механизми муосиртарини истифодабарии ҳавасмандкунии иқтидори меҳнатӣ, моҳият ва аҳаммияти иқтисодии он шарҳ дода шудаанд, инчунин, муосиртарин механизмҳои ҳавасмандгардонии кормандон ин ҳаққи меҳнати қаноатмандкунанда, мукофотҳои пакдию ғайринакдӣ ва шароитҳои мусоиди корӣ дониста мешавад.

2. Дар асоси таҳқиқҳои илмӣ нақш ва аҳаммиятнокии идоракунии иқтидори меҳнатӣ нисбат ба дигар иқтидорҳо муайян карда шуда, унсурҳо, марҳилаҳо ва шароити рушди иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ аз истифодабарии механизми ҳавасмандгардонӣ нишон дода шуда, муайян

гашт, ки рушди соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ ва зерсохторҳои он ба идоракунии самараноки иқтидори меҳнатӣ ниёз доранд.

3. Вазъи ҳозираи хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ дар миқёси ҷумҳурӣ таҳлил гардида, ташаккул додани равиши консептуалӣ дар асоси ташаккули механизми ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ бо истифода аз таҷрибаи инноватсионии хориҷа ҳамчун яке аз роҳҳои асосии ноил гаштан ба мақсад дониста шуд.

4. Механизми инноватсионии муосир таҳия гардида, пешниҳод карда мешавад, ки таҳияи дастурҳо оид ба ташаккули низоми ҳавасмандгардонии идоракунии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ бо истифода аз механизми инноватсионии муосир, ҷиҳати беҳбуд бахшидан ва таваҷҷуҳ ба сармоягузории ин самт чораандешӣ намуда шавад.

5. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ такомули механизми ҳавасмандгардонӣ ҳамчун яке аз роҳҳои истифодабарии самараноки иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ дониста шуда, пешниҳодҳои илман асоснокгардида метавонад, ба инкишофёбии соҳаи мазкур мусоидат намояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда** ин истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, иттилооти истифодашуда тасдиқ намуда, хулоса ва тавсияҳо дар асоси омӯзиши низоми идоракунии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо истифода аз механизмҳои ҳавасмандгардонӣ натиҷагирӣ шудаанд.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

Боби якуми диссертатсия **"Ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳӣ ва асосҳои назариявӣ-консептуалии он"** номгузорӣ шуда, он дарбаргирандаи равишҳои назариявӣ-консептуалии истифодабарии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар низоми менеҷменти муосир, иқтидори меҳнатии кормандон

ва нақши онҳо дар рушди низоми муносибатҳои иқтисодии менеҷменти сайёҳӣ,арзёбии таҷрибаи хориҷӣ ва таҳлили муқоисавии истифодабарии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти ширкатҳои сайёҳӣ мебошад.

Зимни таҳқиқи назариявии идоранамоии иқтидори меҳнатии кормандони соҳаи сайёҳӣ унвонҷӯ аз назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ истифода намуда, зернизомҳои идоранамоии кормандонро дар шакли расм (расми 1.1) пешниҳод намудааст, ки дар он бanaқшагирии дурусти иктидори меҳнатӣ ва идоранамоии он гуфта шудааст (саҳ.16-17).

Ҷиҳати асосноккунии мафҳуми ҳавасмандӣ муҳақиқони зиёде кор карда баромада, дар маҷмуъ зери мафҳуми он объекти ҳолати дохилӣ ва берунии амали шахсро мефаҳмиданд. Ба ақидаи унвонҷӯ бошад амали шахс ҳамон вакт самаранок истифода бурда мешавад, ки ҳавасмандӣ дар фаолияти ӯ дида шавад (саҳ.21).

Дар зербоби 1.2. унвонҷӯ нақши иқтидори меҳнатии кормандонро дар низоми муносибатҳои менеҷменти сайёҳӣ дида баромада, онро дар шакли расм (расми 1.3) пешниҳод намудааст, ки дар он истеҳсол ва истеъмоли доимии хизматрасониҳои сайёҳӣ ба шакли возеҳ нишон дода шудааст (саҳ. 30-31).

Тавре аз расми 1.6 бармеояд ҳангоми таҳқиқи ҳамаҷонибаи ташакулдиҳӣ ва инкишофи иқтидори меҳнатии ташкилотҳои сайёҳӣ муаллиф роҳҳои ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ, омилҳо ва шароитҳои ташкили меҳнат дар ширкатҳои сайёҳӣ, истифодаи пурраи иктидори меҳнатӣ дар идоракунии ширкатҳои сайёҳиро ба таври саҳеҳ нишон додааст (саҳ. 41-43).

Дар диссертатсия муаллиф диққати худро ба таҷрибаи хориҷӣ равона намуда, бештар ширкату корхонаҳои сайёҳии Фаронса, Испания, ИМА, Чин ва ғайраро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар рейтинги кишварҳои ҷаҳонӣ аз рӯйи ҳузури сайёҳон ба давлати Фаронса рост омада, ба 89,4 млн нафарро ташкил додааст. Аз ин

ҷост, ки низоми ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатии кормандони ширкатҳои сайёҳии Фаронса бисёр содда буда, бағайр аз музди меҳнати муайянгашта боз шаклҳои зиёди мукофотҳои пешакӣ низ муқарар шудааст (саҳ. 46-53).

Боби дуюми диссертатсия **"Таҳлили нишондиҳандаҳои самаранокии истифодабарии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти ширкатҳои сайёҳӣ"** унвон гирифта, унвонҷӯ ба таҳқиқи масъалаҳои методии низоми идоракунии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатии кормандон дар асоси равишҳои инноватсионӣ пардохтааст.

Ҳангоми таҳқиқи ҳавасмандгардонии кормандон унвонҷӯ бештар ба таҷрибаи амрикоӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, усулҳои ҳавасмандиро дар шакли расм ( расми 2.1), пешниҳод намудааст (саҳ. 60). Саҳми корманд дар фоидаи ширкату корхона, усули дигари ҳавасмандии меҳнатӣ дар ширкатҳои амрикоӣ буда, муаллиф онро воқеъбинона таҳқиқ намуда, пайдар пайии онро ба таври возеҳ шарҳ додааст (саҳ. 62).

Вобаста ба таҳқики консепсияҳои ҳавасмандии фаъолияти меҳнатӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ унвонҷӯ назарияҳои гуногунро арзёби намуда, консепсияи муосири ҳавасмандии фаъолияти меҳнатиро ба панҷ гурӯҳ пешниҳод намудааст, ки истифодаи он дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти кишвар созгор мебошад (саҳ. 66 - 72).

Дар зербоби дуюм бошад саҳми муаллиф оид ба таҳлили ҳолати имрӯза ва омоданамоии мутахассисон дар менеҷменти сайёҳӣ арзишманд буда, доир ба масъалаи таҳлилшаванда қайд гардидааст, ки соҳаи сайёҳӣ сершуғлтарин соха дар миқёси ҷаҳон ба шумор рафта, пайвандкунандаи дигар соҳаҳо маҳсуб меёбад (саҳ. 76). Ҳамчунин унвонҷӯ саҳми мустақими соҳаи сайёҳиро ба ММД дар байни давлатҳои ҷаҳон таҳлил намуда, рушдёбии онро арзёбӣ намудааст. Мувофиқи маълумотҳои овардашуда, соли 2033 он ба 15,5 трлн долар мерасад (саҳ. 88-90).

Таҳлилҳои унвонҷӯ нишон медиҳад, ки имрӯз дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии дилхоҳ давлати ҷаҳон танҳо инсони аз нигоҳи касбӣ рушдёфта

метавонад, фаъолу таъсиргузор бошад. Омода намудани мутахассисон дар бахши хизматрасониҳо, ба хусус, дар соҳаи сайёҳӣ ягона роҳе мебошад, ки имкониятҳои сайёҳии кишварро муаррифӣ намуда, ҷалби сармоягузориҳоро дар ҷумҳурӣ зиёд намоем (саҳ. 95).

**Дар боби сеюм "Равишҳои такмили механизми ташаккулёбии истифодабарии низоми ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатии кормандон дар менеҷменти муосир"** муаллиф равишҳои ташаккулёбии идоракунии иқтидори меҳнатии кормандон ва ҳавасмандгардонии онҳо, стратегияи дастгирии давлатии рушди соҳаи сайёҳӣ, механизми инноватсионии низоми идоракунии иқтидори меҳнатии кормандон дар менеҷменти муосири сайёҳӣ ва татбиқи арзишҳои байналмилалии идоранамоии иқтидори сайёҳиро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар маҷмуъ, бо назардошти тадбирҳои ҷорӣ ва талошҳои зиёд дурнамои рушди сайёҳӣ дар Тоҷикистон мусбат баназар мерасад (саҳ.112-114).

Диссертант дар ҷадвали 3.1 самтҳо ва тадбирҳои стратегияи рушди сайёҳии кишварро таҳқиқ намуда, оид ба рушду инкишофёбии соҳаи сайёҳӣ, тарғибу ташвиқи имкониятҳои соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ, модеркунонии сохтор ва зерсохторҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ ва муаррифии бренди миллии мавзеҳои сайёҳии кишварро натиҷагирӣ намудааст (саҳ. 120-122).

Натиҷаҳои илман асоснок гардида, дастоварди илмии диссертатсия мансуб меёбад. Ба андешаи муаллиф, дар ширкату корхонаҳои сайёҳӣ ҳавасмандгардонии кормандон бештар ба зернизоми иқтисодӣ таъллуқ дошата, баррасӣ ва таҳлили он бозгӯкунандаи рушдёбандагии иқтисодии ширкату корхонаҳо донистa шуда, бо вуҷуди ин, он бевосита бо зернизоми ташкилӣ, иҷтимоӣ, идоракунӣ, равонӣ ва инноватсионӣ ҳамкорӣ мекунад (саҳ. 134-135).

Яке аз таҳилҳои дигари анҷомдодаи унвонҷӯ, ки бозҳам арзишмандии диссертатсияро боло мебарад, ин SWOT – таҳлил мебошад.

Баррасии SWOT – таҳлил нишон медиҳад, ки вобаста ба ҷанбаҳои қавӣ ширкату корхонаҳои сайёҳӣ паҳлуҳои заифро мустаҳкам намуда, имкониятҳои рушдёбандагиро истифода бурда, таҳдидҳоро аз байн мебарад ва мувофиқи пешниҳоди муаллиф ягона роҳи ба ин ҳадаф расидан, ин ҳавасмандгардонии кормандон дониста мешавад (саҳ. 138-140).

Дар зербоби 3.3. муаллиф оид ба татбиқи арзишҳои байналмилалии идоранамоии иқтидори сайёҳӣ ва ҷалби кормандонро арзёбӣ намуда, ҷиҳати рушд додани хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ ва мустаҳкам намудани мақеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори сайёҳии ҷаҳонӣ, пешниҳодҳои назаррас анҷом додааст (саҳ. 140-144). Илова бар ин, дар расми 3.3 унвонҷӯ ғояҳои асосии таъсиррасон ба сатҳи маълумотгирӣ дар соҳаи сайёҳиро арзёби намуда, низоми маълумотгирии касбӣ-тахассусиро дар чор сатҳ, яъне сатҳи маълумотгирии касбии сайёҳӣ, дигаргунсозии барномаҳои таълимӣ, идоракунии маълумотгирии касбии сайёҳӣ ва навовариҳо дар маълумотгирии касбии сайёҳӣ дониста шуда, танзимкунандаи онҳо муносибатҳои байналмилалию дохилӣ, шароити муосири рушд ва натиҷагирии фаъолияти муосири соҳаи сайёҳӣ баҳисоб меравад (саҳ. 147-149).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот**. Дар диссертатсия хулоса ва тавсияҳои назариявии илман асоснокгардида оид ба самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатӣ бо истифода аз механизми ҳавасмандгардонӣ дар ширкату корхонаҳои сайёҳӣ коркард карда шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлили илмию амалии бисёрсолаи муаллиф доир ба ҷанбаҳои гуногуни такмили механизми ҳавасмангардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикситон пешниҳод шудаанд, инчунин, дар амалисозии идоракунии ширкату корхонаҳои соҳаи хизматрасонӣ хусусан, дар

равишҳои муайянкунандаи рушди соҳаи сайёҳӣ мавриди истифода қарор гирифта метавонанд.

**Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии** натиҷаҳои диссертатсия дар пешниҳодҳои коркардшуда зоҳир мегарданд, ки онҳо метавонанд дар раванди таҳия ва амалисозии барномаҳои ҳукуматӣ ва давлатии стратегии рушди иқтисодии Тоҷикистон, хусусан, дар равишҳои муайянкунандаи рушди соҳаи хизматрасонӣ (сайёҳӣ) истифода шаванд, инчунин, оид ба омодасозии мутахассисони касбӣ мутобиқ ба талаботи асосии бозори меҳнати хизматрасонии сайёҳӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ саҳми босазо гузоранд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 17 мақола, ки аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи тақризшаванда ба меъёрҳои бо бандҳои 31, 33, 34, 35 ва 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқшуда ҷавобгӯ буда, муқаддима ва бахшҳои он - мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, фарзияи илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқоти диссертатсионӣ, сарчашмаи маълумоти таҳқиқоти диссертатсионӣ, давраҳо ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот оид ба мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми он ба таври

мукаммал моҳияти диссертатсияро ифода намуда, ҷиҳатҳои муҳими онро инъикос менамоянд. Меъёрҳои дигари диссертатсия вобаста ба ҳаҷм, истифодаи ҷадвал ва расмҳо, тартиби нигориши феҳристи адабиёт низ риоя гардидаанд.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии таҳқиқотиро пурра дар бар гирифта, мутобиқ ба талботи мавҷуда таҳия гардидааст.

**Эродҳо ва тавсияҳо**

Дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки ба чанде аз онҳо таваҷҷӯҳ зоҳир намудан ба манфиати кор хоҳад буд.

1. Дар бахши дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот муаллиф аксари олимони ватаниро, ки дар ин самт корҳои алоҳидаеро анҷом додаанд, пешниҳод намудааст, аммо дар худи матн асарҳои ҳамаи онҳо дида намешавад;

2. Дар диссертатсияи илмӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба ҳавасмандгардонӣ ва истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар соҳаи сайёҳӣ омӯхта шудааст, аммо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон кадоме аз ин таҷрибаҳо муфид аст, унвонҷӯ мушаххасан пешниҳод накардааст.

3. Диаграммаи 2.1- ро унвонҷӯ хуб арзёбӣ намудааст, вале хуб мешуд, ки дар баробари ин, фисаднокии он низ нишон дода мешуд;

4. Оид ба ҷалби сармоягузориҳо ва маблағгузориҳо унвонҷӯ зиёд таҳлилҳо гузаронидааст, вале мушаххасан кадоме аз ин сармоягузориҳо дар шароити кунунии кишвар созгор мебошад, фасеҳан оварда нашудааст.

Ногуфта намонад, ки ҳолатҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, ба арзиши умумии илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

**Хулосаи ҷамбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент,

маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод гардидааст, ба меъёрҳои муқарраргардидаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи номзади илм ҷавобгӯй буда, дар сатҳи зарурӣ омода гардидаст ва даҳқиқоти ба пуррагӣ анҷомрасида ҳисоб меёбад. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) арзанда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
Номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи менеҷмент ва
маркетинги Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Мирзоалиев А. А.

Дурустии имзои н.и.и., дотсент Мирзоалиев А.А.- ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

**Суроға**: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Деҳотӣ ½, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.
**E-mail:** menejment_08 @mail.ru
Телефон: +992(37) 234-83-46, (992) 934-44-41-45

20. 12. 2024